**Ба Шӯрои диссертатсиони 6D.КОА-002**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дар мавзӯи "Танзими шартномавии таъмини барқ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии **Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дар мавзӯи "Танзими шартномавии таъмини барқ"** хеле мубрам буда, барои илми ҳуқуқшиносӣ ҳам аҳамияти назариявӣ ва ҳам аҳамияти амалӣ дорад. Гарчанде дар мавзӯи танзими шартномавии таъмини барқ дар ҳуқуқи гражданӣ якчанд корҳои таҳқиқоти дар Тоҷикистон анҷом дода шуда бошанд ҳам, аммо масъалаҳои зиёди он мадди назар шудаанд, аз ҷумла мафҳум, моҳияти ҳуқуқӣ, тарафҳо ва мазмуни он то кунун мавриди баҳсу мунозираи муҳаққиқон қарор доранд ва ин масъалаҳо чи дар таҳқиқотҳои гузаронидашуда ва чи дар мақолаҳою китобҳои дарсии олимони тоҷик таҳияшуда ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода нашудаанд. Масалан, аз ҷониби Исмоилов Ш.М. масъалаҳои рушди энергетика дар Тоҷикистон арзёбӣ гардида, он ҳамчун соҳаи муҳими стратегии бартараф намудани мушкилоту камбудиҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ, инчунин андешидани тадбирҳо доир ба истифодаи оқилонаву сарфакорона аз захираву имкониятҳои энергетикии кишвар, дуруст ба роҳ мондани истифодаи ҳарчи пурра ва самарабахши иқтидорҳои иншооти мавҷудаи энергетикӣ, андешидани тадбирҳо барои таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар ҳамчун

объекти ҳуқуқи гражданӣ баррасӣ шудааст, инчунин аз ҷониби Шонасруддинов Н. дар мавзӯи "Таъмини ҳуқуқии иқтисодиёт ва самаранок истифода намудани энергияи барқӣ ва гармӣ (ҷанбаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ):" таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом дода шудааст, ки он ба солҳои 80-уми асри бист тааллуқ дошта, масъалаҳои имрӯзаи хизматрасониҳоро дар ин соҳа мавриди баррасӣ қарор надодааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дар мавзӯи "Танзими шартномавии таъмини барқ" хеле мубрам буда, барои рушди қонунгузории гражданӣ ва такмили танзими ҳуқуқии ухдадориҳои шартномавӣ ҳам аҳамияти назариявӣ ва ҳам аҳамияти амалӣ дорад.

Масъалаи танзими хизматрасониҳои шартномавии таъмини барқ умуман ва хизматрасониҳои энергияи барқӣ ва гармӣ дар қонунгузории гражданӣ хеле хароб буда, таҷдиди назарро талаб менамояд. Маҳз дар ин бора аз натиҷаи таҳқиқоти худ Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович хулосабарорӣ намудааст, ки он қобили дастгирист. Барои такмили қонунгузории ҷорӣ ӯ тавсияҳои зеринро пешниҳод менамояд, ки қобили дастгирианд, аз ҷумла:

а) пешниҳод мешавад, ки номи зербоби 5, боби 29 КГ ҶТ бо таҳрири русӣ «Таъмини нерӯ» ба «Таъмин бо нерӯи барқ» иваз карда шавад;

б) дар қ. 3, м. 142 КГ ҶТ баъди ибораҳои «аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок» энергия (нерӯи барқ) ҳамчун ашёи манқула ва беҷисм илова карда шавад;

в) ба м. 569 КГ ҶТ дохил намудани чунин таърифи шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) пешниҳод карда мешавад: «Шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) чунин шартномае мебошад, ки тибқи он муштарӣ ухдадор мешавад бо розигии ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда қисми нерӯи барқи дар асоси шартномаи таъмини барқ тавассути шабакаи пайвастшуда қабул намудаашро ба субабонент (муштарии фаръӣ) интиқол диҳад, муштарии фаръӣ бошад ухдадор

мешавад, ки арзиши нерӯи барқи аз ӯ қабулкардаро пардохт намуда, речаи тибқи шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) муқарраршудаи истифодаи онро риоя намояд, бехатарии шабакаҳои энергетикӣ, бенуқсонӣ, бекамукостии дастгоҳу таҷҳизоти ба раванди истифодаи нерӯи барқ алоқамандро таъмин намояд»;

г) ба мақсади муайян намудани мафҳуми шартномаи таъмини барқ чунин таҳрири қ. 1, м. 569 КГ ҶТ пешниҳод мешавад: «Тибқи шартномаи таъмини барқ ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда ухдадор мешавад фурӯши нерӯи барқ ба муштариро ба амал барорад, мустақиман ва мустақилона ё тавассути шахсони сеюм хизматрасониҳо ҷиҳати ба воситаи шабакаи пайвастшуда ба муштарӣ интиқол додани нерӯи барқ ва дигар намуди хизматрасониҳои ба раванди таъмини муштарӣ бо нерӯи барқ алоқамандро анҷом диҳад, муштарӣ бошад ухдадор мешавад арзиши нерӯи қабулнамудаи барқ ва ҳақи хизматҳои ба манфиати он анҷомдодаро пардохт намояд, истифодаи бехатар, коршоямӣ ва бекамукостии шабакаҳои энергетикӣ, дастгоҳ ва таҷҳизоти дар ихтиёраш қарордоштаро таъмин намояд».

Дар ҳақиқатан ин пешниҳоду тавсияҳои муаллиф қобили дастгири буда, саривақти ва мубрам мебошанд, аммо ба андешаи мо онҳо кифоя набуда, барои пурра бартараф намудани танзими шартномавии таъмини барқ, аз ҷумла, ухдадориҳои шартномавии тарафайн ва дар баъзе ҳолатҳо бошад, асоснокии иловагиро талаб менамояд. Дар қисми дуюми КГ ҶТ на танҳо ин масъалаҳо, инчунин дигар муносибатҳо низ мавҷуданд, ки ҳам таҳқиқоти илмӣ ва ҳам таҷдиди назари қонунгузориро талаб менамояд. Умуман дар адабиёти ҳуқуқӣ ва дар байни олимони соҳаи иқтисодӣ ва ҳуқуқшиносӣ оид ба масъалаҳои танзими шартномавии таъмини барқ ақидаҳои гуногун мавҷуд мебошад. Аз ҷумла, баъзе олимон иброз доранд, ки энергия дар қиёс ба ашёҳо сифати муайяни материя, яъне қобилияти иҷро намудани (анҷом додани) кор, таъмин намудани иҷрои амалиётҳои

гуногуни технологӣ, муҳайё намудани шароити зарурӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар навъи фаъолият мебошад. Қисми дигари олимон дар он ақидаанд, ки нерӯи барқ ҳамчун сифати материя мебошад, ки ҳамчун қобилияти иҷро намудани кори муфид ифода шуда, аммо онро шабеҳи материя намеҳисобид. Нерӯи барқ ва захираҳои энергетикӣ неъматҳои моддие мебошанд, ки оид ба онҳо муносибатҳои молу мулкӣ ба вуҷуд меоянд, захираҳои энергетикӣ ва энергия бошад, ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ баромад мекунанд ва вақте, ки шахс аз навъҳои гуногуни энергия истифода мекунад, ӯ бояд эҳсос намояд, ки ба худ намуди алоҳидаи объекти муносибатҳои ҳуқуқи гражданиро мегирад.

Баъзе аз олимони дигар қайд менамоянд, ки объекти муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ гуфта, ҳамаи он чизеро мефаҳманд, ки нисбат ба он дар байни шахсон ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гражданӣ ба вуҷуд меоянд. Объекти муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ неъматҳои мушаххаси харида ё фурӯхташуда, нигоҳдошта, дар истифода буда, кашонда шуда ва ғ. шуда метавонанд, ки қобилияти қонеъ гардонидани ин ё он талаботи инсонро дорад. Дар ҳаминҷо олимони дигар ин ақидаро тақвият бахшида, қайд менамоянд, ки объекти ҳуқуқи гражданӣ ба маънои объективӣ – ин муносибатҳои ҷамъиятие эътироф карда мешаванд, ки аз ҷониби меъёрҳои граджанӣ-ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд. Хулоса кардан мумкин аст, ки объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ (дар маънои субъективӣ) ин неъматҳо ва ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва ғайри молу мулкие, ки субъектон баҳри бо воситаи онҳо қонеъ намудани манфиатҳои худ дар муносибатҳои граджанӣ-ҳуқуқӣ ширкат меварзанд, баромад менамоянд.

Як гурӯҳи дигари олимон бошанд, вобаста ба муҳимияти объектҳои ҳуқуқи гражданӣ ба таври амалӣ масъалагузорӣ намудаанд. Аз ҷумла ба ақидаи онҳо таҳти мафҳуми объектҳои ҳуқуқи гражданӣ неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ фаҳмида мешавад, ки вобаста ба онҳо муносибатҳои ҳуқуқӣ ба миён меоянд ва вуҷуд доранд. Мафҳуми молу

мулк, ашё, мол, кор ва хизматрасонӣ аз ҷониби қонунгузор вобаста ба ҳар як навъи алоҳидаи шартномаҳо ва дигар соҳаҳои истифодаи қонунгузории гражданӣ истифода бурда шудааст.

Муаллиф ҳамаи ин ақидаҳоро арзёбӣ намуда, хулосабарорӣ менамояд, ки энергия аз ҷумла нерӯи барқ ба сифати объект ба қатори дигар молҳо дар муносибатҳои гражданӣ – ҳуқуқӣ мутобиқи шартнома фурӯхта мешавад ва ҳамчун неъмати муфид барои қонеъ кардани талаботи моддӣ ва маънавии инсон аз аҳамият холӣ нест. Ба андешаи ӯ азбаски нерӯи барқ ба осонӣ ба дигар шаклҳои неру табдил меёбад, бинобар ин, истифодаи ҷараёни барқ хеле гуногун буда, бо ёрии таҷҳизоти гуногун, нерӯи барқ ба нерӯи механикӣ табдил ёфта, кори механикиро иҷро мекунад, ба нерӯи гармӣ, нерӯи афканишоти, электромагнитӣ табдил меёбад.

Аз ин бар меояд, ки объектҳои муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ, ки дар ҷараёни бастан ва иҷро намудани шартномаҳои таъминкунӣ бо нерӯ ба воситаи шабакаи пайвастшуда ба вуҷуд меоянд, чунин неъматҳои моддӣ чун нерӯи барқ ва дигар захираҳои энергетикӣ ҳисоб меёбанд. Бояд қайд кард, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ энергия аз нуқтаи назари таснифоти объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ ҳамчун ашёи манқул, оддӣ, тақсимнашаванда, истеъмолшаванда муайян шудааст, ки ба он аломатҳои ҷинсият хосанд.

Муаллиф дар натиҷа якчанд хулоса баровардааст, ки ба андешаи мо қобили дастгирист, аз ҷумла, якум, энергия, энергияи барқро ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ ҳисобидан комилан дуруст аст; дуюм, нерӯи барқ чунин неъмати муфидест, ки онро бо чашм, гуш, бинӣ эҳсос намудан ғайриимкон ва кушиши ба дигар узвҳои бадан (масалан, даст) ошкор намудан барои ҳаёт ва саломатӣ хатари ҷидди дорад; сеюм, хусусиятҳои ба нерӯи барқ хос ва фарққунандаи он аз дигар намудҳои объектҳои ҳуқуқи гражданӣ, ба тафовути ҷиддии муносибатҳо нисбати ин объект ба

вуҷуд меомада ва тартиби танзими ҳуқуқи онҳо мегардад; чорум, неруи барқ ашёи беҷисм мебошад.

Аз ин рӯ, ба андешаи мо хуб мешуд, ки ин масъала бо ҷанбаҳои иқтисодӣ пайваст омухта мешуд, он боз ҳам фаҳмотар ва ҳамаҷониба ҳал мегардид ва баҳсҳои вуҷуддошта аз байн мерафтанд. Чунки бе ба инобат гирифтани ҷанбаҳои иқтисодии ин категория ба танзими ҳуқуқии ин масъала ноил шудан имконнопазир мебошад. Ба андешаи мо танзими шартномавии таъмини барқ бояд аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ карда шавад, чунки он аз нуқтаи назари иқтисодӣ нисбат ба хизматрасонӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ васеътар мебошад. Таъмини барқ ва умуман энергия ба маънои иқтисодӣ чунин арзишҳои истифодаи (молҳо) -ро ҳамчун мол (ашё), натиҷаи неъмати моддӣ ва инчунин меҳнатеро, ки бо натиҷаи моддӣ алоқаманданд нестанд, дар бар мегирад. Консепсияи ҳуқуқии таъмини шартномавии барқ бошад, танҳо доираи муносибатҳои иқтисодии хизматрасониро дар бар мегирад, ки арзиши истифодаи он ба фаъолияти мақсаднокитарин, яъне таъмини он алоқаманд аст.

Муаллиф субъектони шартномаи таъмини барқро ба се гурӯҳ (а) ташкилоти таъмини барқ, б) муштарӣ, в) муштарии фаръӣ) ҷудо намуда, қайд мекунад, ки тибқи шартномаи таъмини барқ муштарӣ низ субъекти асосӣ ба шумор меравад. Ӯ баъд аз омузишу таҳлилҳо хулосабарорӣ менамояд, ки то ба наздикӣ, таърифи «муштарӣ (истеъмолкунанда)» дар санадҳои меъёрӣ умуман вуҷуд надоштанд ва таърифи ин мафҳум танҳо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи энергетика» ифода шудааст.

Ба ақидаи муаллиф сарфи назар аз саросар ҷой доштани муносибатҳои субмуштаригӣ, онҳо дар қонунгузорӣ амалан ҳаллу фасли худро наёфтаанд ва дар муносибатҳои субмуштаригӣ муштарӣ дар назди ташкилоти таъминоти энергия ҳамчун истеъмолкунандаи неруи барқ баромад мекунад, бинобар ин, барои аз тарафи муштарии фаръӣ иҷро накардан ё ғайридахлдор иҷро намудани ухдадориҳо муштарӣ масъул

мебошад. Ҳамин тариқ, муштарӣ дар назди муштарии фаръӣ ҳамчун субъекти таъминкунанда бо нерӯи барқ баромад мекунад.

Муаллиф қайд мекунад, ки азбаски интиқоли нерӯи барқ ба муштарии фаръӣ танҳо ҳуқуқи муштарӣ мебошад, пас вай метавонад ҳама вақт аз интиқоли нерӯи барқ ба муштарии фаръӣ даст кашад. Дар чунин ҳолат розигии ташкилоти таъминкунанда бо нерӯи барқ талаб карда намешавад. Ба ақидаи муаллиф, муносибатҳои дар боло зикршудаи байни ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда, муштарӣ ва муштарии фаръӣ бояд дар шартномаи алоҳидаи байни онҳо басташуда муайян шаванд. Қайд мегардад, ки муносибатҳои байни муштарӣ ва муштарии фаръӣ баҳсталаб аст, чунки муштарӣ намехоҳад, ӯҳдадории иловагиро ҳангоми додани нерӯи барқ ба муштарии фаръӣ пайдо кунад.

Ба андешаи мо интиқоли нерӯи барқ ба муштарии фаръӣ гарчанде танҳо ҳуқуқи муштарӣ бошад ҳам, аммо муштарӣ ҳуқуқ надорад, ки кадом вақте ки хоҳад аз интиқоли нерӯи барқ ба муштарии фаръӣ даст кашад. Чунки байни ин субеъктҳои муносибатҳои гражданӣ ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ба вуҷуд меоянд, ки он байни субеъктон масъулиятро пайдо менамояд ва ҳама гуна нофаҳмоиҳо байни онҳо дар доираи қонунгузорӣ ҳалу фасл карда мешавад.

Умуман аз мазмун ва моҳияти шартномаи хизматрасонии таъмини барқ бармеояд, ки чи дар қонунгузорӣ ва чи дар таҷриба бисёр масъалаҳое мавҷуданд, ки таҳқиқоти илмиро талаб менамоянд. Аз ин лиҳоз низ, таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович мубрам буда, он ба баъзе аз проблемаҳои ҷойдоштаи назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи амалияи он равшанӣ меандозад.

Ҳолатҳое, ки мубрам будани диссертатсияи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович собит месозанд, хело зиёд буда, бо омилҳои дар боло қайдгардида ба охир намерасанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бамаврид буда, дар он масъалаҳои муҳимми қаблан ҳалнагардидаи илми

ҳуқуқшиносӣ баррасӣ гардида, аз нигоҳи муаллиф масъалаҳои таъмини аҳолӣ ва корхонаҳо бо таъмини барқ арзёбӣ шудаанд.

**Дараҷаи асоснокии муқаррароти илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд.** Диссертатсияи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович бонизом таҳия гардида, фарогири ақидаҳои назариявӣ амалӣ оид ба меъёрҳои қонунгузории граждани мебошад, ки ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои гражданӣ дар соҳаи таъмини шартномавии барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд. Сохтори рисола аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад. Сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили сарчашмаҳои истифодашуда, оид ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои гражданӣ дар соҳаи таъмини шартномавии барқ тасдиқи худро ёфтааст. Феҳристи маъхазҳо аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошад, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзӯи тадқиқшаванда имконият додаанд. Асосҳои методологии тадқиқотро усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқии фаҳмиши илмӣ ташкил додаанд, ки дар таҷриба санҷида шудаанд, аз ҷумла мушоҳида, таҳлил, синтез, хамчунин муқоисавӣ-ҳуқуқӣ. Дар чараёни тадқиқот инчунин усулҳои таҳлилӣ ва муқоисавии натиҷаҳои тадқиқот, ки аз ҷониби дигар олимони ҳуқуқшинос гузаронида шудаанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамаи ин усулҳо ба муаллиф имконият додаанд, ки як қатор пешниҳод, хулоса ва тавсияҳои муҳимму асосноки илмиро пешкаш созад.

**Саҳеҳият, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд,** ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуктаҳои илмии диссертатсия ба тадқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимоданд ва ба

мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин рисолаи комплексии илмӣ оид ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои гражданӣ дар соҳаи таъмини шартномавии барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллиф бо дарназардошти меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлатҳои хориҷа ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ин масъаларо таҳлил намудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он аст, ки андешаҳои муаллиф фаҳмишҳои илмии танзими ҳуқуқии муносибатҳои граждании таъмини шартномавии барқро мукаммал гардонида, барои таҳқиқи минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомдодаи муаллиф имкон медиҳанд, ки роҳҳои асосии дар сатҳи дахлдор рушд кардани фаъолияти шартномавии таъмини барқро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намояд.

Нуктаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия баён намудааст, метавонанд дар таҳияи барномаҳои соҳавӣ, қонунҳо, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, таълим дар соҳаи ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва умуман ҳуқуқӣ истифода шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ҳамчун воситаи рушди қонунгузории кишвар баромад карда, дар оянда мумкин аст, дар татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба соҳаи таъмини барқ истифода шаванд.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар 23 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ифодаи худро ёфтаанд.

**Автореферат дар умум мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд.**

**Эродҳо ба мазмуни диссертатсия.** Умуман, мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро дар сатҳи баланд арзёбӣ намуда, ба баъзе аз

масъалаҳои баҳснок таҷдиди назар кард.

1. Муаллиф дар навгонии 6 қайд менамояд, ки дар баробари руёнидани ноустуворона ва товони зиёни воқеӣ, дар шартномаи таъмини барқ руёнидани фоизҳо барои истифодаи воситаҳои пулии ғайр пешбинӣ шуданаш мумкин аст. Мувофиқи муқаррароти қ. 1 м. 426 КГ ҶТ, барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағи ғайр дар натиҷаи иҷро накардани уҳдадории пулӣ ё гузаронидани муҳлати пардохти он ё бидуни асос гирифтани он ё ба амонат гузоштан аз ҳисоби шахси дигар, бояд ба андозаи ин маблағ фоиз пардохта шавад, ки андозаи он бо дарназардошти ставкаи миёнаи фоизи бонк, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи иҷрои уҳдадории пулӣ ё қисми дахлдори ин уҳдадорӣ муайян кардааст, ба ҳисоб гирифта мешавад. Ба андешаи муаллиф дар ин заминаи ҳуқуқӣ хуб мешуд агар руёнидани фоизҳо барои аз тарафи муштариён ғайриқонунӣ истифода бурдани воситаҳои пулии ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда, ба муқаррароти умумии м. 426 КГ ҶТ асос ёбад.

Ба андешаи мо ин хулосабарорӣ ва пешниҳоди муаллиф як дараҷа баҳснок буда, асосноккунии иловагиро талаб менамояд. Чунки дар муносибатҳои байни ташкилоти таъминкунандаи барқ ва муштарию муштарии фаръӣ уҳдадориҳои хизматрасонии таъмини барқ пайдо мешаванд, на уҳдадориҳои пулӣ. Аз ин лиҳоз, қонунгузории гражданӣ дар бахши иҷрои уҳдадориҳо ҷавобгариҳоро барои номатлуб иҷро намудан ё умуман иҷро накардани уҳдадориҳоро муқарар намудааст, ки ба андешаи мо кифоя мебошанд.

2. Муаллиф қайд менамояд, ки ташкилоти таъминкунандаи энергия, ки ба танаффуси интиқоли энергия бе огоҳонии дахлдор роҳ додааст, уҳдадор мебошад, зарари ба истеъмолкунанда дар натиҷаи ин амалҳо расонидаашро талофӣ намояд, агар танаффус бо зарурати андешидани тадбирҳои фаврӣ баҳри пешгирӣ ё бартараф намудани садама дар

системаи энергетикии ташкилоти таъминкунандаи энергия алоқаманд набошад (саҳ. 102 дисс.).

Ин пешниҳоди муаллиф қобили дастгирист, аммо ҳангоми гузаронидани таҳқиқот бояд мушаххас карда мешуд, ки муаллиф кадом зарари ба истеъмолкунанда расонидашударо дар назар дорад. Итминони комил дорем, ки муаллиф ҳангоми ҳимояи ошкоро ба ин масъалаҳо равшанӣ меандозад.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд шуданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмахои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми ҳуқуқи гражданӣ саҳми сазовори худро гузоранд.

Умуман диссертатсияи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович ба талаботи бандҳои 10, 11, 12 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ аҳамият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки барои рушди кишвар аҳамияти муҳим дорад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии

диссертатсия барои илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ буда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳанд

Дар маҷмӯъ, бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дар мавзӯи "Танзими шартномавии таъмини барқ", таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд. Муаллифи диссертатсия Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович бошад, барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Сарходими Институти фалсафа,**
**сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба**
**номи А. Баҳоваддинови Академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Бобоҷонзода И.Ҳ.**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33**
**Моб: (+992 93) 510-77-11, (+992 90) 789-11-70**
**Email: bobojonov_i@mail.ru**

**Имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Институти**
**фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба**
**номи А. Баҳоваддинови Академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон** **Кучарова Б.Д.**